**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих). - Душанбе, 2022.- 176 саҳ.**

**Муҳиммияти омӯзиши мавзуъ**

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар натиҷаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ давлатҳои нави мустақил таъсис ёфтанд, ки дар назди онҳо вазифаҳои муҳим – таҳкими мустақилияти хеш, ташаккул додани асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ меистод. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи ин давлатҳои тозатаъсиси мустақил буд, ки бояд мустақиман унсурҳои нави миллии ҳокимият ва асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро муайян мекард. Яке аз самтҳои муҳимми таҳкими давлати соҳибистиқлол - ташаккул додани худшиносии миллӣ, ба таври маҷмӯӣ ва амиқ омӯхтани таърих ва фарҳанги халқи тоҷик маҳсуб меёфт. Бо дарназардошти ин, зарурияти омӯзиши таърихи навтарини халқи тоҷик тибқи манбаъҳои дасти аввал, аз ҷумла аз рӯйи маводҳои Бойгонии минтақавии Ҳисор низ ба миён омад.

Ба ақидаи унвонҷӯ, бойгонӣ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи сохтори давлатӣ буда, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқро ифода менамояд. Ҳар як ҳуҷҷати дар он маҳфузбуда, паҳлуҳо ва самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро таҷассум мекунад. Дастоварду комёбӣ, камбудию норасоиҳои дар ҳар давру замон ҷойдоштаи ҷомеъа ба саҳифаҳои таърих маҳз тавассути бойгониҳо ворид мегарданд. Бе ягон шубҳа бояд гуфт, ки бойгонӣ ганҷинаи бебаҳои хотираи таърихии халқу миллат ба шумор меравад. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бойгониҳо яке аз институтҳои муҳимми таъминкунандаи ҳифзи боигарии зеҳнии миллат маҳсуб ёфта, макони рушду инкишофи илми таърих ва пажӯҳишгоҳи илмӣ - татқиқотӣ мебошанд.

Хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор қисми таркибии хазинаи миллии бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи таърих ва такомули Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад. Дар ин бойгонӣ имрӯз зиёда аз 425 хазина мавҷуд аст, ки ҳуҷҷатҳои нодирро роҷеъ ба мақомоти маҳалли Ҳокимияти давлатии нохияҳои минтақа аз таъсис то имрӯз, ҳуҷҷатҳои Ҷамоатҳои деҳот, идораву муассисахо, корхонаву ташкилотҳо, стансияҳои ноҳиявии мошинӣ-тракторӣ (СМТ), ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ ва ғ. маълумоти нодир медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор дар омӯзиши таърихи навини халқи тоҷик нақши муассир дорад. Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотии мазкур дар он аст, ки бойгонии мазкур ва ҳуҷҷатхои он то кунун ҳамчун пажуҳиши мукаммали таърихӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор нагирифта буд ва рисолаи таҳқиқотии мазкур кӯшиши аввалин дар ин самт маҳсуб меёбад.

## Мазмуни мухтасари диссертатсия

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. **Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркарди он муайян шудааст, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, услуб ва усули коркарди мавзӯъ мушаххас гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор таъкид мешавад, манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян мегардад.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки боби аввал - **"Бунёди тартиботи Шӯравӣ дар водии Ҳисор ва таъсиси бойгониҳо дар ҳудуди он"** аз чор зербоб иборат аст. **Дар зербоби аввал – "Бунёд ва мустаҳкам намудани**

**ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор”** муаллиф кӯшиш намудааст, ки масоили барқароршавӣ ва мустаҳкам намудани Ҳукумати Шӯравӣ дар водии Ҳисор инъикос намояд. Зимни баррасии он диссертант қайд менамояд, ки барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор баъд аз таъсисёбии Отряди Эъзомияи ҳарбии Ҳисор оғоз гардида, баъд аз ҷониби ин Отряд озод гардидани минтақа аз дастаҳои босмачиёни Амир Саид Олмихон ба анҷом расидааст, ки дар Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор доир ба он ҳуҷҷатҳои нодир мавҷуданд.

Дар зербоби дуюми боби якуми рисола – **“Таъсиси бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор”** масоили бунёди бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Зимни тадқиқи ин масоил диссертант қайд менамояд, ки Бойгониҳо маҳфуздори сарчашмаҳои нодири дорои аҳаммияти сиёсӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва хоҷагидорӣ буда, онҳо аз таърихи пайдоиш ва инкишофи давлатҳо ва сокинони онҳо иттилоъ медиҳанд. Аз ин ҷост, ки ҳифз, нигаҳдорӣ ва омӯзиши онҳо на танҳо вазифаи давлат, балки вазифаи ҳар як фарди ҷомеа маҳсуб меёбад. Ба ақидаи муаллифи рисола баҳисобгирии теъдоди ҳуҷҷатҳои ба хазинаҳои бойгонӣ воридшаванда, таъмини кадрҳои лаёқатманд ва бозомӯзии онҳо, таҳияи дастуру супоришҳои корӣ, омода намудани феҳристи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, сохтмони бинои нав, ҳифз ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ҳамчун ёдгориҳои хаттӣ аз зумраи умдатарин масоили рушди минбаъдаи бойгониҳои минтақавии Ҳисор ба ҳисоб меравaнд. Муаллиф қайд намудааст, ки соҳаи бойгонидорӣ ба таври муттамарказу системанок танҳо дар нимаи аввали асри XX шакл гирифт ва минбаъд ба қолаб даромада, тараққӣ кард. Як далел мусаллам аст, ки бойгонӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ҳанӯз дар Хуҷанди бостонӣ баҳори соли 1905 арзи вуҷуд кард. Мақомоти иҷроияи Ҳукумати уезди Хуҷанд барои барпо намудани хизмати бойгонӣ 9 парели соли 1905 фармон содир кард. Маҳз аз ҳамин рӯз кори бойгонӣ дар уезди Хуҷанд шурӯъ гардид.

Унвонҷӯ дар заминаи таҳлили адабиёти мавҷуда ва маълумоти бойгониҳо тавонистааст, ки таъсисёбии бойгониҳо ва фаъолияти онҳоро дар минтақаи Ҳисор дар замони Шӯравӣ ва соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ таҳлили муқоисавӣ намояд.

**Зербоби сеюми боби аввал – "Маводҳои бойгонии Ҳисор доир ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ"** ба тадқиқ ва таҳлили маводҳои бойгонии Ҳисор роҷеъ ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Барои таҳлил ва баррасии масоили мазкур аз ҷониби муаллиф ҷудо шудани як зербоби алоҳида, аз муҳиммияти мавзуъ ва таваҷҷуҳи бештари муаллифи рисола ба он дарак медиҳад. Муаллиф зимни таҳлилу баррасии масоили мазкур ба хулосае омадааст, ки тибқи ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонии №1 Протокол ва ҳисоботҳо, қарорҳои колхозҳо ва ХБ№ 196, ХБ№ 212, ХБ 245, ки дар онҳо маҳз ҳуҷҷатҳои ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав ва шаҳри Турсунзода дар филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор нигоҳ дошта мешаванд, аҳолии ноҳияҳои зикршуда, баробари мардумони дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯзҳои аввали ҷанг дар набардҳои чанг иштирок намуда, меҳнаткашони ақибгоҳ шабу рӯз заҳмат кашиданд.

Дар зербоби чоруми боби аввал – **"Азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар минтақаи Ҳисор"** дар заминаи ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақаи Ҳисор масоили азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ мавриди тадқиқубаррасӣ қарор гирифтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки баъди ба итмом расидани ҷанг зарурияти истеҳсоли бештари аслиҳаи ҳарбӣ аз байн рафта, зарурияти ба талаботи замони осоишта мутобиқ гардонидани корхонаҳо ба миён омад. Панҷсолаи азнавбарқароркунӣ ва инкишофи хоҷагии халқи мамлакат барои солҳои 1946 – 1950 ин вазифаҳоро ба нақша гирифта буд.

Диссертант қайд менамояд, ки аҳолии минтақаи Ҳисор, хусусан сокинони ноҳияҳои Шаҳринаву Турсунзода ва ноҳияи Ҳисор низ барои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ саҳми худро гузоштанд. Ба душвориҳо нигоҳ накарда, хоҷагиҳои ноҳия кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, то

самарабахшии корхонаҳои асосиро ба қадри имкон таъмин намоянд. Маводҳои хазинаҳои Бойгонии минтақаи Ҳисор шаҳодат медиҳанд,ки дар солҳои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринаву Турсунзода аҳолӣ дар таҷдиди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва ғ. хизмати диловарна намуда, ба муваффақиятҳи беназир ноил гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия – **"Масъалаҳои пуркунӣ, таркиби хазинаҳо, нигаҳдорӣ ва усулҳои истифодабарии ҳуҷҷатҳои филиали бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор"** аз чор зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якуми боби дуюм – **"Манбаъҳои пуркунӣ ва таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор"** масоили манбаъҳо ва таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертант қайд менамояд, ки дар хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти илмӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, саноатӣ ва сохтмон, инчунин тақсимоти марзию маъмурӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Таъмини ҳифз, нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор"** масоили ҳифз, нигоҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки агар яке аз вазифаҳои муҳимми бойгонӣ ҷамъ овардани ҳуҷҷатҳо бошад, вазифаи дигари он таъмини бехатарӣ ва мавриди истифода қарор додани хазинаҳои бойгонӣ маҳсуб меёбад. Ҳуҷҷатҳое, ки дорои ҷанбаи сиёсӣ, илмӣ, таърихӣ, маданӣ, маишӣ, таҷрибавӣ ва ғайра мебошанд ва ба воситаи корхонаю муассисаҳо ва ё аз тарафи шахсони алоҳида ба фондҳои бойгонӣ дохил гардидаанд, бояд мавриди ҳифз ва нигаҳдорӣ қарор гиранд. Таъмини бехатарии ҳуҷҷатҳо тақозо мекунад, ки ба хоста гирифтани ҳуҷҷатҳои моҳиятан муҳим аҳамияти махсус дода шавад. Бинобар ин ба

қиматнокии ҳуҷҷатҳо эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ин кор аз кормандон донишу малакаи кофӣ, фаҳмишу идрок, меҳнатдӯстию нуқтасанҷиро талаб мекунад.

Зербоби сеюми боби дуюм – **«Санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси (экспертизаи) арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар бойгонии минтақавии Ҳисор”** ба тадқиқи масоили роҳҳои гузаронидани санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси (экспертизаи) арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар бойгонии минтақавии Ҳисор бахшида шудааст.

Диссертант қайд менамояд, ки зери мафҳуми ташхиси қимати илмии ҳуҷҷатҳо омӯзиши ҳуҷҷатҳо дар асоси меъёри (критерияи) қимати онҳо бо мақсади муайянсозии мӯҳлатҳои ҳифзи ҳуҷҷатҳо ва хостагирии онҳо фаҳмида мешавад. Дар фаъолияти бойгонӣ ин яке аз муҳимтарин ва масъултарин равандҳои кор бо ҳуҷҷатҳо маҳсуб шуда, ба баҳодиҳии сарчашмашиносии онҳо ҷамъбаст мегардад. Аҳаммияти ташхис аз муайян намудани муҳиммияти ҳуҷҷатҳо, аз он, ки кадом ҳуҷҷатҳо давлат, илм ва ҷомеъа, инчунин ашхоси алоҳидаро ба ахбори зарурӣ таъмин карда метавонанд, иборат аст.

Дар зербоби чоруми боби дуюм – **“Шарҳи хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи таҳқиқи таърихи навини Тоҷикистон”** масоили ба хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи таҳқиқоти таърихи навини Тоҷикистон рабтдошта, мавриди тадқиқ ва шарҳу баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд тазаккур дод, ки шарҳи хазинаҳои бойгонӣ ин маълумотномае мебошад, ки дар худ маълумотҳои мураттабшудаи таркиб ва мундариҷаи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои алоҳидаро бо таҳлили манбаъшиносиашон, бо мақсади иттилоърасонӣ ба муассиса, ташкилот, корхона ва ҷомеаи илмӣ оиди хусусият ва аҳаммияти ин ҳуҷҷатҳо бо мақсади васеъ кардани доираи истифодаи онҳо дар ҳамаи самтҳои фаъолияти ҷомеа, доро мебошад.

Диссертант қайд менамояд, ки бойгонӣ воқеъан маҳфуздори сарчашмаҳои нодири дорои аҳамияти сиёсӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва

хоҷагидорӣ буда, Бойгониҳои минтақаи Ҳисор низ дар ин маврид дар канор нестанд.

## Навоварии илмии таҳқиқот ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Обидов Рустам Ҳошимович дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал ба таври монографӣ Бойгонии минтақавии Ҳисорро ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, ҷиҳати муайян намудани аҳаммият ва нақши ин бойгонӣ дар омӯзиши таърихи навини минтақа, ҷумҳурӣ ва рушди илми таърихнигории тоҷик кӯшиш ба харҷ додааст. Дар диссертатсия бори нахуст ҳуҷҷатҳои хазинаҳои БМДТ ва хазинаҳои ФБДМТ дар ш. Ҳисор ба доираҳои таҳқиқоти илмӣ ворид гардидаанд. Бахусус, ҳуҷҷатҳои нодири бойгониҳои зикршуда роҷеъ ба сохтмони Канали Калони Ҳисор, таърихи ноҳияҳои Ҳисор, Регару Пахтаобод дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), зилзилаи Ҳисор маълумотҳои муфид медиҳанд. Дар диссертатсия бори аввал ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар "Рӯйхати (феҳристи) хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Ҳисор" гирд оварда шудааст, ки тибқи он имрӯз дар маҳфузгоҳҳои бойгонӣ зиёда аз 66915 (шасту шаш ҳазору нуҳсаду понздаҳ) парванда нигоҳ дошта шуда, маводҳои солҳои 1925-2014-умро дар бар мегиранд. Феҳристи мазкур барои таҳқиқотчиён ва ҳамаи онҳое, ки минбаъд аз маводҳои бойгонӣ истифода бурдан мехоҳанд, барои дарёфти сари вақтии ҳуҷҷатхои зарурӣ кумак мерасонад. Мураттабсозии Феҳрист дар миёни дигар филиалҳои БМДТ таҷрибаи нахустин буда, гурӯҳбандии парвандаҳо метавонанд барои дигар бойгониҳо ба сифати дастурамал мавриди истифода қарор гирад.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин

инъикос ва тарзи нигоҳдошти маводҳои бойгонӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

Гузашта аз ин, таҳқиқоти мазкур дар натиҷаи истифодаи усулҳои муайяни илмӣ амалӣ гардидааст. Чунончӣ, истифодаи меъёрҳои илмии объективияти таърихӣ, инчунин таҳлили маҷмӯӣ, системавӣ ва муқоисавӣ барои муайян намудани воқеияти таърихи даврони Шӯравӣ ва солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон, барои нишон додани зуҳуроти манфӣ, мушкилот ва дурнамои рушди минбаъдаи соҳаи бойгонидории давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон шароити методологӣ ва маърифатӣ фароҳам овардаанд.

### Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ буда, мазмун ва муҳтавои назариявии рисоларо минбаъд метавон дар омӯзиши таърихи навтарини халқи тоҷик истифода намуд.

Мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия минбаъд дар таҳияи таърихи навтарин халқи тоҷик, бахусус омӯзиши таърихи ноҳияҳои Ҳисор, Шахринав ва Турсунзода истифода шуда, ҳамзамон дар таҳияи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёни шуъбаҳои бойгоншиносии Донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳои мамлакат мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт. Хулосаю пешниҳодоти довталаб, ки ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои номбурда равона шудаанд, барои беҳтар намудани фаъолияти бойгониҳо кӯмаки амалӣ хоҳанд расонд.

### Эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот

Дар иртибот ба эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот, ба андешаи мо ба назар гирифтани чанд масъала мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии онро боз ҳам афзун мекунанд:

1.Ба таҳлили муқоисавии фаъолияти Бойгонии минтақавии Ҳисор дар замони Шӯравӣ ва даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон камтар таваҷҷуҳ шудааст.

2.Дар раванди таҳқиқот маводи матбуоти даврӣ камтар истифода гардидааст. Истифодаи чунин мавод имкон медод, ки маводҳои Бойгонии минтақавии Ҳисор дар иртибот ба таърихи навини Тоҷикистон пурра карда шаванд.

3. Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд.

Аммо дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта мебошад ва норасогиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмии онро коста намегардонанд. Зеро муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзӯи диссертатсия доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокшуда таҳия намудааст.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргардида**

Диссертатсияи унвонҷӯ Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» кори таҳқиқотии мукаммалест, ки дар чаҳорчӯби он масъалаҳои мухталифи марбут ба мавзӯъ таҳлилу баррасӣ шуда, хулосаҳои илмии асоснок бароварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, бо боварӣ метавон иброз дошт, ки хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда дар сатҳи баланди назариявӣ баён гардида, аҳаммияти назарраси илмӣ доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии дар заминаи он нашршуда мазмуну мундариҷаи асосӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкурро комилан инъикос мекунанд. Диссертатсия тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш комилан ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардида аст, мувофиқ аст ва муаллифи он Обидов Рустам Ҳошимович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи таърихнигорӣ**
**ва архившиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Ёрмуҳаматов Амиршоҳ**

**28 декабри соли 2022**

**Имзои номзади илмҳои таърих**
**А. Ёрмуҳаматовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.**

**28 декабри соли 2022**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17;
тел: (992) 372 21 77 11, E–mail: tgnu@mail.tj